**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар мавзуи «Масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким пас аз хатми филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб, соли 2020 ба сифати унвонҷӯи кафедраи молия ва қарзи донишгоҳи номбурда ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардида, онро соли 2023 ба иттмом расонид. Пеш аз оғози марҳалаи унвонҷӯӣ баъди хатми филиали донишгоҳи номбурда фаъолияти омӯзгории худро аз соли 2011 оғоз намуда, ва аз соли 2022 то ин ҷониб ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Иброз доштан зарур аст, ки Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар ҷодаи фаъолияти омӯзгорӣ ва пешбурди таҳқиқотҳои илмӣ қобилияти хуби эҷодӣ ва аналитикӣ, ҳамчунин роҳбарӣ дошта, ҳангоми пеш бурдани корҳои илмӣ ба нозукиҳои самти таҳқиқот дуруст сарфаҳм рафта, дар таҳқиқи мавзуи илмии худ маълумотҳои кофӣ ва зарурӣ дорад. Илова бар ин, дар баррасии масъалаи мазкур одитарин нозукиҳои идораи хавфҳои бонкиро дарк намуда, ба паҳлуҳои гуногуни он аҳамияти зарурӣ медиҳад, ки ин бартарии кори илмии номбурдашударо нишон медиҳад.

Илова бар ин Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким ҳангоми таҳсил дар давраи унвонҷӯӣ ва дар ҷараёни таълим ба донишҷӯён ҳамчун таҳқиқгари поквиҷдону нуктасанҷ, роҳбари ҷиддӣ ва дорои малакаи баланди масъулиятшиносӣ худро муаррифӣ намуда, дар ҷараёни иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ва таҳияи барномаву васоитҳои таълимӣ мсъулияти баланд зоҳир намуда, уҳдадориҳои бадушдоштаашро дар сатҳи зарурӣ иҷро менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва анҷоми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар баррасии мавзуи илмӣ “Масъалаҳои мукаммалгардонии

идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ин самт вобастабуда, Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар кори илмии худ зиёда аз 13 мақолаҳои илмӣ нашр намудааст, ки аз ин миқдор 6 мақолаи он бо талаботҳо КОА ҷавобгӯ мебошанд. Ҳамчунин ҷиҳати татбиқи амалии натиҷаҳои кори таҳқиқотии худ дар семинару конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маъруза намудааст, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа бо натиҷаҳои баланд илмӣ ва навгониҳо арзёбӣ карда шудаанд.

Аз таҳлили диссертатсия бар меояд, ки таҳқиқоти анҷомшуда пурра ба масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии масъалаҳоро дар бар мегирад.

Рисолаи номзадии Шарифзода Гулрухсор Мирзоҳаким дар мавзуи: "Масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии хавфҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯй ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва ба итмомрасидаи илмӣ буда, барои муҳокима иҷозат дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, сарходими илмии**
**Институти иқтисодиёт**
**ва демографияи АМИТ** **Шариф Раҳимзода**

**Имзои Шариф Р.-ро тасдиқ мекунам:**
**Инспектори калон оид ба кадрҳои**
**Институти иқтисодиёт**
**ва демографияи АМИТ** **Мақсудшоева З.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

25.12.2025.